марде аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пурсид: Кадом (амал дар) Ислом беҳтар аст? Он ҳазрат фармуданд: "Таом додан ва салом додан бар ҳар касе, ки мешиносӣ ё намешиносӣ

Аз Абдуллоҳ ибни Амр (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки марде аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пурсид: Кадом (амал дар) Ислом беҳтар аст? Он ҳазрат фармуданд: "Таом додан ва салом додан бар ҳар касе, ки мешиносӣ ё намешиносӣ."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз беҳтарин хислатҳои Ислом пурсида шуд, ӯ ду хислатро зикр кард: Якум: Зиёд таом додан ба фақирон. Ва дар ин таом додан, садақа, меҳмонӣ, зиёфати тӯй дохил аст. Таом додан дар замони қаҳтӣ ва гуруснагӣ ва қимматӣ фазилати бештар дорад. Дуюм: Салом додан бар ҳамаи мусалмонон, хоҳ ӯро бишносӣ ё нашиносӣ.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5808